12539 - Оё бар зан воҷиб аст, ки барои шавҳараш ғизо омода кунад?

савол

Оё бар зан воҷиб аст, ки барои шавҳараш ғизо омода кунад? Агар ӯ ин корро анҷом надиҳад, оё ба ин сабаб нофармон ҳисобида мешавад?

Ҷавоби муфассал

Шайх Ибни Ҷабрин гуфтааст: Дар урфу одати мусулмонон ҳамеша чунин буд, ки зан ба шавҳараш хидматҳои маъмулии байнашонро анҷом медиҳад; аз ҷумла омода кардани ғизо, шустани либосҳову зарфҳо, тоза кардани хона ва монанди инҳо — ҳар кадом ба андозае, ки ба вазъи онҳо мувофиқ бошад. Ин урфу одат аз замони паёмбар то имрӯз бидуни ҳеҷ гуна инкор идома ёфта, мардум ба он амал кардаанд.
Бо вуҷуди ин, шоиста нест, ки бар дӯши зан коре гузошта шавад, ки боиси машаққат ва душворӣ гардад; балки ин ҳама ба қадри тавоноӣ ва урфи маъмулӣ вобаста аст. Ва Аллоҳ тавфиқдиҳанда аст.

Ба китоби "Фатово-л-уламои фӣ ъишрати-н-нисо», саҳ. 20 нигаред.